«Тасдиқ мекунам»
Раиси Комиссияи олии аттестатсионии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________ А. Розиқзода
«02» ____02.____ соли 2017

**НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲО**
**оид ба таъсиси шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Номгӯйи мазкур тибқи талаботи банди 23 «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, рӯйхати ҳуҷҷатҳоеро муайян мекунад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъсиси шӯроҳои диссертатсионии ҳимояи диссертатсияҳо барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

1. Дархостнома барои ташкили шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шӯрои олимони (техникии) муассиса маъқул дониста шудааст (иттилооти зеринро бояд дар бар гирад: дастовардҳои муассиса дар соҳаи дахлдори илм, шумораи докторҳои илм мутобиқ бо самтҳои дахлдори илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва дар муассиса, дар муассисаи мазкур мавҷуд будани аспирантура, докторантура аз рӯйи ихтисос, докторантура ва постдокторантура, мавҷуд будани сохторҳои тобеъ, ки аз рӯйи самти шӯро таҳқиқот мебаранд, асосноккунии зарурати таъсиси шӯро мувофиқи самти дахлдор).
2. Созишнома байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмии касбӣ дар бораи таъсиси шӯрои муштараки диссертатсионӣ (агар шӯрои мазкур аз ҷониби ду ва ё зиёда муассиса таъсис дода шуда бошад).
3. Маълумоти миқдорӣ оид ба муассиса ( замима, шакли 1).
4. Рӯйхати интишороти асосии кормандони муассиса дар 5 соли охир (на зиёда аз 15 адад) (мувофиқи шакли 2).
5. Маълумот оид ба номзадҳо ба шӯрои диссертатсионӣ (шакли 3).

6. Нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти докторантура аз рӯйи ихтисос, аспирантура, докторантура, постдокторантура, шаҳодатномаи аккредитатсионӣ.
7. Нусхаи дипломҳо оид ба дараҷаҳои илмӣ ва шаҳодатномаҳо оид ба унвонҳои илмии номзадҳо ба узвияти шӯрои диссертатсионӣ.
8. Нусхаи протоколи маҷлиси шӯрои олимони (техникии) муассиса оид ба тасдиқи рӯйхати номзадҳо ба узвияти шӯрои диссертатсионӣ бо замима аз натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ оид ба интихоби раис, муовини раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ.
9. Розигии хаттии ҳар як номзадии оид ба аъзогии ӯ дар шӯрои диссертатсионӣ.
10. Рӯйхати мухтасари номзадҳо ба аъзогӣ дар шӯрои диссертатсионӣ.